ХУЛОСАИ
шурои диссертатсионии 6D.KOA-059 назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия)

Парвандаи аттестатсионии № _____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 17 сентябри соли 2026, № 17-1

Барои сазовор донистани Олимзода Қутбиддин Зайнуддин, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия)

Диссертатсияи Олимзода Қутбиддин Зайнуддин дар мавзуи *"Омӯзиши омилҳои асосии ташаккул ва истифодабарии оқилонаи захираҳои оби дарёи Зарафшон (Ҷумҳурии Тоҷикистон)"* барои дарёфти дараҷаи унвони илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) ба ҳимоя 26.06.2026 с. қабул карда шуд, суратҷаласаи №14-1 шурои диссертатсионии 6D.KOA-059 назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо нишонаи 734025, ш.Душанбе, кӯчаи Бофанда 5/2 (фармоиши КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №192/шд аз 01.07.2022 с.).

Довталаби дараҷаи илмӣ Олимзода Қутбиддин Зайнуддин 01 июни соли 1985 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст.

Олимзода Қутбиддин Зайнуддин соли 2003 ба Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон бо ихтисоси «Мелиоратсия, таҷдидсозӣ ва ҳифзи замин» дохил шуда, онро соли 2008 хатм намудааст. Пас аз хатми донишгоҳ Олимзода Қутбиддин Зайнуддин фаъолияти кории худро дар Муассисаи давлатии «ТоҷикНИИГиМ»-и Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ходими хурди илмӣ оғоз кард.

Дар айни замон Олимзода Қутбиддин Зайнуддин дар вазифаи сардори шуъбаи истифодабарии хоҷагии оби Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии гидротехника ва мелиоратсия» фаъолият мекунад.

Коркарди диссертатсия дар шуъбаи истифодабарии хоҷагии оби муассисаи мазкур ба анҷом расонида шудааст.

Роҳбари илмӣ:

- доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор, **Раҳматиллоев Раҳмонқул**, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шотемур, кафедраи истифодабарии системаҳои гидромелиоративӣ, профессор.

Муқарризони расмӣ:

- **Кодиров Анвар Саидкулович,** доктори илмҳои техникӣ, Маркази рушди инноватсионии илм ва технологияҳои рақамии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, директор;

- **Одинаев Қодирҷон Нодирович,** номзади илмҳои техникӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, кафедраи «Метеорология ва климатология», муаллими калони кафедра.

Муқарризони расмии зикргардида ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

- Муассисаи пешбар - Муассисаи давлатии «Институти омӯзиши пиряхҳо ва криосфераи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз тарафи раиси ҷаласа — муовини директори МД «Институти омӯзиши пиряхҳо ва криосфераи АМИТ» оид ба илм ва таълим, номзади илмҳои химия Саидзода В.Я., эксперт ва омодакунандаи лоиҳаи тақриз — мудири шуъбаи экспедитсионӣ ва таҳқиқотҳои саҳроии Муассисаи давлатии «Институти омӯзиши пиряхҳо ва криосфераи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон», номзади илмҳои техникӣ Абдуллов Ҷаҳонгир Давлатбекович ва котиби ҷаласа — номзади илмҳои кишоварзӣ Толиҳов Ҷ.А. ба имзо расидааст ва аз ҷониби директори Муассисаи давлатии «Институти омӯзиши пиряхҳо ва криосфераи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» Раҳмонзода Р.З. тасдиқ шудааст.

Диссертатсияи Олимзода Қутбиддин Зайнуддин дар мавзуи «Омӯзиши омилҳои асосии ташаккул ва истифодабарии оқилонаи захираҳои оби дарёи Зарафшон (Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1 – Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.37 – Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ва талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад ва ба талаботҳои Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30.06.2021 с. тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

Довталаби дараҷаи илмӣ дорои 22 кори илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва эътирофнамудаи КОА-и назди Президенти

ҶТ, 8 мақола дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ, 9 мақола дар дигар конференсияҳои соҳавӣ ва 1 дастури таълимиву методӣ мебошад.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар маҷаллаҳои зерин ба нашр расидаанд:

Мақолаҳо дар маҷаллаҳои, аз ҷониби КОА назди Президенти ҶТ тавсияшуда:

1. **Олимов К.З.** Муносибати нав ба идоракунии захираҳои об дар ҳавзаи дарёи Зарафшон [Матн] / Қ.З. Олимов, И.И.Саидов, // Маҷаллаи "Кишоварз" No1. ISSN 2074-5435. UDC 517+ (474,5). - Душанбе. - 2019. -С. 110–116.

2. **Олимов К.З.** Сохторҳои зидди сел дар баъзе минтақаҳои ҳавзаи дарёи Зарафшон ва чораҳои пешгирии георискҳо [Матн] / А.А. Каримов, К.З. Олимов // Маҷаллаи Кишоварз No2 ISSN 2074-5435 UDC 626.01. - Душанбе. - 2019. -С. 147-149.

3. **Олимов К.З.** Методика ва методологияи таҳияи нақшаи ҳавзаи идоракунии захираҳои оби дарёи Зарафшон [Матн] / К.З. Олимов, И. Саидов, // Ахбори Академияи илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмии физика, математика, химия, геология ва техники № 3 ISSN 0002-3485 UDC 626.81. - Душанбе. - 2019. -С. 101-111.

4. **Олимов К.З.** Хусусиятҳои хоси реҷаи гидрологии шохобҳои асосии дарёи Зарафшон ва дурнамои ҳамоҳангсозии таъсири он ба соҳаҳои иқтисодиёту кишоварзӣ [Матн] / Қ.З. Олимов // Маҷаллаи "Кишоварз" №1. ISSN 2074-5435. ТДУ 502/504: 551.48: 626.81- Душанбе. - 2025. -С. 165–170.

Ба автореферати диссертатсия 4 тақризи мусбат ворид шуд:

1. Аз доктори илмҳои география, профессори кафедраи "Методикаи таълими география ва туризм"-и факултаи географияи ДДОТ ба номи С. Айни Муҳаббатов Х.М. Тақриз мусбӣ мебошад, инчунин эродҳои зеринро дорад:

- таҳқиқи ҳамаҷонибаи омилҳои ташаккулдиҳандаи захираҳои обии дарёи Зарафшон имкон медиҳад, ки қонуниятҳои муосири тағйирёбии режими гидрологӣ дар шароити тағйирёбии иқлим муайян карда шаванд. Ин раванд заминаи назариявиро ҷиҳати пешгӯӣ ва баҳодиҳии дурнамои таъминоти оби минтақа боз ҳам такмил медиҳад;

- дар таҳқиқоти мазкур хусусиятҳои вобастагии ташаккули оби дарё аз омилҳои иқлимӣ бо усулҳои муосири математикӣ-статистикӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Натиҷаҳои бадастомада имкон медиҳанд, ки потенсиали гидроэкологиро бо дарназардошти талаботи рушди устувор дақиқтар арзёбӣ намоем;

- пешниҳоди роҳҳои мушаххаси истифодаи оқилона ва сарфакоронаи захираҳои об дар ҳавзаи дарёи Зарафшон аз вазифаҳои муҳимтарини амалии ин таҳқиқот ба шумор меравад. Тавсияҳои таҳияшуда метавонанд

дар идоракунии маҷмӯии захираҳои об (ИМЗО) ва соҳаҳои иқтисоди миллӣ амалан истифода шаванд.

2. Аз доктори илмҳои техникӣ, мудири кафедраи фанҳои табиї-илмии Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон Ҳоҷизода С.Қ. Тақриз мусбӣ мебошад, инчунин эродҳои зеринро дорад:

- дар қисми охирини сатрҳои уфуқии чадвали 1-и автореферат баъзе калимаҳо ё ҷумлаҳо пурра ҷойгир нашуда, қисми охири онҳо аз чаҳорчӯбаи сатр берун мондааст ё ноаён (пинҳон) гардидааст;

- дар номгузории расмҳои 4 ва 5 дар қисми тоҷикии автореферат дар охири номҳо нодуруст нуқта гузошта шудааст. Зарур аст, ки ин нуқтаҳо ҳатман ҳазф ва ислоҳ карда шаван;

- дар ҷадвали 5-и қисми тоҷикии автореферат хатои чопӣ ва имлой ҷой дорад. Аз ҷумла, дар ҷумлаи марбут ба дастгоҳи обёрикунанда ба ҷойи калимаи дурусти «обёрӣ» калимаи «обёрни» нодуруст навишта шудааст. Ин хатои имлой бояд ислоҳ карда шавад.

3. Аз доктори илмҳои техникӣ, профессори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ Қаландарбеков Имомёрбек. Тақриз мусбӣ мебошад, инчунин эродҳои зеринро дорад:

- муаллиф қайд кардааст, ки дар ҳавзаи дарёи Зарафшон 1272 пиряхи бо масоҳати умумии 655,76 км^2 (6,43%-и ҳудуд) ҷойгиранд. Бо вуҷуди ин, таҳлили раванди тағйирёбии ҳаҷм ва масоҳати пиряхҳо вобаста ба тағйирёбии иқлим низ муҳим арзёбӣ мешавад;

- тавре, ки маълум аст, нақшаи интиқоли оби дарёи Зарафшон ба ҳавзаи Сирдарё тарҳрезӣ шудааст. Ба фикри Шумо, оё бе розигии Узбекистон ин нақшаро амалӣ кардан мумкин аст.

4. Аз доктори илм, ходими калони илмӣ, мудири лабораторияи Институти таҳқиқоти бунёдӣ ва амалии назди Донишгоҳи миллии таҳқиқотии "Институти муҳандисони обёрӣ ва механизатсияи хоҷагии қишлоқи Тошкенди" Ҷумҳурии Ӯзбекистон Жулиев Мансур Қобилҷонович. Тақриз мусбӣ мебошад, инчунин эродҳои зеринро дорад:

- оид ба расм: Дар расми 1 («Зерҳавзаҳо ва ҷараёни ҳавзаи дарёи Зарафшон») чорчӯбаи қисми болоии расм ба зерҷумла гузаронида шудааст, яъне чорчӯбаи қисми болоии расм буридашуда ба назар мерасад;

- оид ба қисми тавсияҳо: Дар матни шарҳи автореферат, дар қисми тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, дар банди 1 баъзан хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ мушоҳида мешаванд; масалан, ба ҷои калимаи «зерҳавза» (подбассейн) «зарҳавза» навишта шудааст;

- оид ба маълумоти котиби илмӣ: Дар навиштаҷоти пешниҳоди котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ ба ҷои калимаи «номзади илмҳои техникӣ» бо риояи дурустии грамматика ва тартиби калимаҳо ба ибораи «номзади илмҳои техникӣ» ислоҳ карда шавад.

Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:

- **муқаррар карда шудааст,** ки пешгӯии ҷараёни солонаи қисми тоҷикистонии дарёи Зарафшон ва шохобҳои асосии он дар оянда, таҳлили динамикаи тағйирёбии ҷараёни дарёҳо пояи асосии таҳияи нақшаҳои ҳавзавӣ ва муайянсозии сарҳадҳои зериҳавзаҳоро бо назардошти таъсири иқлимӣ ташкил медиҳад;

- **муқаррар карда шудааст,** ки таҳлили маълумоти гидрологии дидбонгоҳи асосии дарёи Зарафшон (Дупулӣ) ташаккули ҳаҷми обро дар солҳои серобӣ аз 6504,23 то 6652,24 млн. м^3, дар солҳои миёна аз 5241,27 то 5274,43 млн. м^3 ва дар солҳои камобӣ аз 4133,34 то 4146,65 млн. м^3 нишон дода, ин нишондиҳандаҳо метавонанд дар оянда барои таҳияи нақшаҳои ҳавзавии идоракунии самараноки захираҳои об ва пешгӯии хавфҳои гидрологӣ истифода шаванд;

- **пешниҳод карда мешавад,** ки модели усулҳои механизатсияшуда ва техникаи обёрии рӯизаминӣ барои суръатбахшии раванди лоиҳакашӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои каммасрафи обёрии зироатҳои кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ дар шароити норасоии ҷараёни шохобҳои дарёи Зарафшон ва дигар ҳавзаҳои Тоҷикистон дар оянда истифода шавад;

- **пешниҳод карда мешавад,** ки барои ҳамоҳангсозии низомҳои гидрологӣ ва гирифти об ҳангоми ҷорӣ кардани технологияҳои каммасраф, таҷрибаи зериҳавзаҳои Моғиёндарё ва Киштӯддарё дар дигар ҳавзаҳои дорои майдони зиёди заминҳои кишт дар солҳои гуногуни таъминоти об (серобӣ, миёна ва камобӣ) истифода шавад.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқ бо он асоснок карда шудааст, ки: қонуниятҳои муайяншудаи тақсимоти дохилисолонаи ҷараёни дарёи Зарафшон ва шохобҳои он ба 3 гурӯҳи гидрологӣ-климатӣ (аз рӯи муҳлати оғози серобӣ) барои беҳтар кардани низоми гидрологӣ, таъмини амнияти гидроэкологӣ, танзими ҷараёни селҳо, коҳиши эрозия ва идораи таҳшинҳо дар иншооти зериҳавзаҳои гуногун истифода бурдан мумкин аст.

Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешавад, ки: сохтани каҷхатаҳои назариявии сарфи оби дарёи Зарафшон ва шохобҳои он (бо таъминоти аз 0,01 то 99%), муайян кардани тағйироти ҷараёни дохилисолона дар 50 соли охир (афзоиши 30–75%-и сарфи об дар баҳору тирамоҳ ва коҳиши 17%-и ҷараёни максималӣ дар тобистон), пешниҳодҳои муаллиф доир ба муайянсозии самтҳои ояндаи таҳқиқот ва истифодаи модели SWAT барои ба 8 зериҳавза гурӯҳбандӣ кардани 249 шохоби калони ҳавза ҳангоми лоиҳакашии иншооти гидротехникӣ ва таҳияи нақшаҳои ҳавзавии идоракунии захираҳои об пешбинӣ шудаанд.

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо истифода аз ташхиси маълумоти 5 дидбонгоҳи метеорологии ҳавзаи Зарафшон барои солҳои

1930–2020 — оид ба афзоиши боришот дар водӣ (0,51–2,78 мм) ва болооб (0,93–1,78 мм), баландшавии ҳарорат (0,25–1,40°C), обшавии барвақтии пиряхҳо, зиёд шудани сарфи об дар баҳору тирамоҳ (30–75%), коҳиши ҷараёни тобистона (17%) ва таъсири онҳо ба обистонии заминҳои обёрӣ — тавассути усулҳои муосири коркарди омориву гидрологӣ ва муқоисаи нишондиҳандаҳои чандсола гузаронида шуданд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:

Саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқоти мазкур аз интихоби мавзуъ, муайян кардани мақсад ва вазифаҳо, таҳияи методология ва усулҳои таҳқиқот иборат аст. Муаллиф мустақилона принсипҳои илмии ташаккули реҷаи гидрологии дарёи Зарафшон ва шохобҳои онро асоснок намуда, корҳои саҳроӣ ва экспедитсиониро ба анҷом расонидааст. Натиҷаҳои бадастомада дар 4 мақолаи илмӣ, аз ҷумла дар маҷаллаҳои тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашр гардида, тавсияҳои амалӣ таҳия шудаанд.

Муқаррарот, хулосаҳо ва тавсияҳои илмии дар кори диссертатсионӣ таҳияшуда асоснок мебошанд, мундариҷаи кори илмиро объективона инъикос мекунанд ва бо миқдори зиёди маълумотҳои таҷрибавӣ, натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ, ки шахсан муаллиф ба даст овардааст ва таҳлили муфассал шудааст, мавҷуд мебошанд.

Дар маҷлиси 17 сентябри соли 2026 шурои диссертатсионии 6D.KOA-059 қарори сазовор донистани Олимзода Қутбиддин Зайнуддин бо дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯии ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) дода шавад. Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-059 8 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 3 нафар ва номзади илм 1 нафар аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда, ки дар вохӯрӣ аз 8 шахсоне, ки аъзои шуро мебошанд, овоз доданд: "ҷонибдор" - 8, "зид" - нест , "бюллетенҳои беэътибор" - нест .

Раиси
шурои диссертатсионӣ **Гулаҳмадзода А.А.**

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ **Шаймурадов Ф.И.**

17 сентябри соли 2026